*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №122 (4862) | ДУШАНБЕ, 14 ОКТЯБРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

**Муҳтарам Сердар Гурбангулиевич,**
**Муҳтарам иштирокдорони ҳамоиш,**

Пеш аз ҳама, мехоҳам шарик будани худро ба арзи сипосе, ки ба муҳтарам Сердар Гурбангулиевич Бердимухаммедов ҷиҳати даъват ва меҳмоннавозии суннатӣ баён гардид, иброз намоям.

Ҳамоиши имрӯза идомаи силсилаи чорабиниҳое мебошад, ки ба ифтихори ҷашнвораи яке аз мутафаккирони бузурги Шарқ Махдумқулӣ Фироқӣ аз ҷумла, бо сарпарасти ЮНЕСКО дар кишварҳои гуногуни олам баргузор мегарданд. Ин чорабиниҳо гувоҳи равшани эътирофи саҳми назарраси фарзанди фарзонаи мардуми туркман дар мероси адабии ҷаҳонӣ мебошад.

Мо аз қарори ворид намудани маҷмӯаи дастхатҳои шоир ва мутафаккири маъруф ба Номгӯи байналмилалии ЮНЕСКО ва ҳамчунин, бузургдошти ӯ дар рӯйхати санаҳои муҳими хотиравии ин сохтори Созмони Милали Муттаҳид истиқбол менамоем. Дар Тоҷикистон низ ба ҷашнвораи ин мутафаккири бузург эҳтиром мегузоранд.



# МЕРОСИ ФИРОҚӢ ПАЙВАНДГАРИ РОБИТАҲОИ ФАРҲАНГИИ МОСТ

**Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Ҳамоиши байналмилалӣ ба муносибати 300-солагии Махдумқулӣ Фироқӣ зери унвони «Робитаи замонҳо ва тамаддунҳо - асоси сулҳу тараққӣ»**

**11-уми октябри соли 2024, Туркманистон**

Дар пойтахти Ватани мо соли ҷорӣ бахшида ба ҳаёт ва эҷодиёти Фироқӣ мизҳои мудаввари байналмилалӣ гузаронида шуданд.

Дар шаҳри Душанбе пайкараи Махдумқулӣ насб гардида, яке аз кӯчаҳои зебоманзари пойтахти кишвари мо ба номи ӯ гузошта шудааст.

Якуми сентябр, дар Рӯзи Дониш мо якҷо бо муҳтарам Сердар Гурбангулиевич дар ноҳияи Дӯстии вилояти Хатлони Тоҷикистон дар фазои тантанавӣ муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии ба номи Махдумқулӣ Фироқиро ба истифода додем. Ин рӯйдодҳо, бешубҳа, рамзи возеҳи дӯстӣ ва муносибатҳои созандаи мардумони бародари Тоҷикистону Туркманистон гардиданд.

**Дӯстони гиромӣ,**

Махдумқулӣ Фироқӣ тавассути мероси нодири худ дар рушди фарҳанг ва адабиёти мардумони Осиёи Марказӣ саҳми арзанда гузоштааст. Эҷодиёти ӯ, ҳамчунин, бо мероси бузурги адабии тоҷику форс пайванди ногусастанӣ дорад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки Фироқӣ ҳанӯз дар синни наврасӣ бо адабиёти ғании тоҷику форс, ки дар китобхонаи падари шоираш маҳфуз буд, шиносоӣ пайдо кардааст.

Чуноне ки аз эҷодиёти шоир бармеояд, ӯ аз мероси адабии мутафаккирони маъруфи сатҳи ҷаҳонии тоҷику форс, аз ҷумла Абулқосим Фирдавсӣ, Умари Хайём, Саъдӣ Шерозӣ, Ҷалолиддини Балхӣ ва Ҳофизи Шерозӣ илҳом гирифтааст.

Эҷодиёти Фироқӣ, дар навбати худ, ба адибони муосири мо илҳом мебахшад.

Бисёре аз адибон ва тарҷумонҳои маъруфи тоҷик даҳҳо маҷмӯаи асарҳои ӯро ба забони тоҷикӣ тарҷума ва нашр кардаанд.

Эҷодиёти Махдумқулӣ Фироқӣ саршори ғояҳои башардӯстӣ, ба монанди дӯстӣ, бародарӣ, хайрхоҳӣ, ғамхорӣ нисбат ба одамон ва хулқу атвори неки инсонӣ аст.

Мероси ӯ, бешубҳа, пули пайвандгаре дар роҳи тавсеаи робитаҳои байнифарҳангӣ ва ба ҳам наздик гардидани кишварҳои мо ва мардумонамон мебошад.

**Дӯстони арҷманд,**

Аз нигоҳи мо, ҳамкории байнифарҳангӣ ҳамчун омили муассири робитаи байни миллатҳо ва таҳкими ҳамдигарфаҳмии миёни халқҳо аз иқтидори бузург бархӯрдор аст.

Бо назардошти ин, кишварҳои моро мебояд бо муносибати эҳтиромона ва таҳаммулгароёна нисбат ба анъанаву арзишҳо ва мероси маънавию фарҳангии ҳамдигар намунаи ибрат бошанд.

Дар ин замина, Тоҷикистон пайваста аз иқдомоти амалии муштарак ҷиҳати тавсеаи ҳамкорӣ дар соҳаи башарӣ ҷонибдорӣ мекунад.

Мо минбаъд низ барои рушди ҳамкориҳои фарҳангиву башардӯстона бо ҳамаи шарикони худ, аз ҷумла бо Туркманистон, талошҳои зарурӣ ба харҷ хоҳем дод. Дар робита ба ин, мехоҳам аз сатҳи сифатан баланди тамоми маҷмӯи муносибатҳои байни Тоҷикистону Туркманистон, ки хусусияти «шарикии амиқи стратегӣ»-ро касб кардаанд, ёдовар шавам.

Дар фарҷом мехоҳам Туркманистони дӯстро барои танзими бошукӯҳ ва сатҳи баланди баргузории ин ҳамоиш табрик намоям.

Суханронии худро мехоҳам бо мисраъҳои пурмуҳтавои Махдумқулӣ Фироқӣ, ки дар васфи дӯстӣ ва садоқат ба сарзамини худ бо забони тоҷикӣ ба қалам додааст, ҳусни анҷом бахшам:

***Халқе, ки чу як оила бо ҳам бошанд,***
***Дар шодиву ғам дар сари як сархонанд.***
***Аз сидқу саодат ба ватан меболанд,***
***Бо қонуни зиндагонии худ пайванданд.***

**Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам.**

# КОНФЕРЕНСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ПАРЛАМЕНТӢ




**11-уми октябри соли 2024 дар бинои Парламенти мамлакат бо ибтикори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Конференсияи байналмилалии парламентӣ бахшида ба санаи фархундаи 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардид, ки дар он Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Дар кори Конфренсияи байналмилалӣ, ҳамчунин, роҳбарони парламентҳо ва ҳайатҳои парламентии ҷумҳуриҳои Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Озарбойҷон, Покистон, Федератсияи Россия, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Эрон иштирок намуданд.

Дар оғози суханронӣ Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ меҳмонони олиқадри конференсия ва ҳайатҳои воломақоми парламентҳои кишварҳоро ба Тоҷикистон хайрамақдам гуфтанд.

Зикр гардид, ки нахустин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун ҳуҷҷати ояндасози миллат дар бунёди давлатдории навини тоҷикон, пайванди он бо ҷомеаи ҷаҳон, ҳифзи манфиатҳои милливу давлатӣ, таъмини сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва ҳуқуқу озодиҳои инсон нақши барҷастаи таърихӣ дорад.

Қабули санади олии мамлакат арзишмандтарин дастоварди мардум ва давлати тоҷикон дар марҳилаи нави инкишофи он, натиҷаи саъю талошҳои бисёрсолаи ҷомеаи мардумпарвар ва адолатпеша дар масири рушду пешрафти худ ва муаррифии кишвари мо ба оламиён арзёбӣ шуд.

Дар идома муҳтарам Рустами Эмомалӣ иброз доштанд, ки миллати куҳанбунёду тамаддунофари тоҷик дар баробари тамаддунҳои қадимтарини ҷаҳон дар саргаҳи пайдоиш ва эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон қарор дошта, ташаббускори қабули нахустин эъломия доир ба ҳуқуқҳои фитрии инсон дар таърихи башар - Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир ба ҳисоб меравад.

Дар робита ба раванди таҳия ва қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол муҳтарам Рустами Эмомалӣ саҳми беназири Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар роҳи эъмори давлатдории навини Тоҷикистон ва таҳкими пояҳои ҳуқуқии он алоҳида таъкид ва зикр намуданд, ки «Сарвари давлат бо хиради воло, иродаи қавӣ, шуҷоату далерии бемисл ва бо қадамҳои қатъии хеш ба ҷанги таҳмилӣ хотима бахшид, давлатро аз нобудшавӣ ва миллатро аз парокандашавӣ наҷот дода, барои таъмини сулҳу субот, рушди бемайлони соҳаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии мамлакат саҳми бузург гузоштанд».

Дар идомаи конференсия Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода, роҳбарони ҳайатҳои парламентии кишварҳои хориҷӣ, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода ва собиқ вакили Шурои Олӣ даъвати дувоздаҳум ва Маҷлиси Олӣ даъвати якум Рафиқа Мӯсоева суханронӣ намуданд.

Пас аз анҷоми қисми ифтитоҳӣ кори Конференсияи байналмилалии парламентӣ таҳти унвони «30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар чор бахши алоҳида дар доираи мавзуъҳои «Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳия ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди парламентаризм», «Конститутсия - заминаи асосии рушди босуботи давлатдории миллӣ», «Конститутсия ва ҳуқуқу озодиҳои занон», «Конститутсия ва ҷавонон» идома ёфт.

Дар ин бахшҳо аъзои Маҷлиси миллӣ, вакилони Маҷлиси намояндагон, намояндагони ҳайатҳои парламентӣ, мақомоти судӣ, ҳокимияти иҷроияи марказӣ, муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олӣ доир ба нақш ва аҳамияти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди босуботи давлатдории миллӣ, ҳуқуқу озодиҳои занон дар ҷомеа ва аҳамияти Конститутсия дар рушду такомули ҷавонони кишвари соҳибистиқлол маърӯза ва табодули афкор намуданд.

Бо ҳамин Конференсияи байналмилалии парламентӣ таҳти унвони «30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба кори худ анҷом бахшид.

Лозим ба ёдоварист, ки шаҳри Душанбе ҳамчун қалби Тоҷикистони азиз дар сатҳи ҷаҳонӣ бо рушду пешрафти худ шинохта шудааст.

Маҳз бо ибтикори бевоситаи Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ имрӯзҳо дар пойтахти азизамон шаҳри Душанбе чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ баргузор гардида, барои боз ҳам муаррифӣ намуданиТоҷикистон дар сатҳи ҷаҳон нақши муассир хоҳад гузошт.

**www.majmilli.tj**

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТУРКМАНИСТОН

**11-уми октябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои анҷом додани боздиди корӣ ба Туркманистон сафар карданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини якуми Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро вазири корҳои хориҷӣ, ёрдамчиёни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ ва оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ карданд.

**11-уми октябри соли равон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари корӣ вориди шаҳри Ашхободи Туркманистон шуданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Ашхобод Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро муовини Раиси Девони вазирони Туркманистон Тангригулӣ Атахаллиев ва дигар намояндагони воломақом самимона пазироӣ карданд.

**11-уми октябри соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Ашхобод дар Ҳамоиши байналмилалӣ ба муносибати 300-солагии шоир ва мутафаккири туркман Махдумқулӣ Фироқӣ зери унвони «Робитаи замонҳо ва тамаддунҳо - асоси сулҳу тараққӣ» иштирок ва суханронӣ намуданд.**

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ оид ба робитаҳои дӯстию бародарӣ бо мардуми туркман, ҳамкории аҳли зиё ва гиромидошти шоир ва маорифпарвари маъруфи Туркманистон Махдумқулӣ Фироқӣ, ки бо сарпарастии ЮНЕСКО 300-солагии зодрӯзаш васеъ таҷлил мегардад, андешаронӣ намуданд.



Сарвари давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки дар Тоҷикистон низ ба солгарди мутафаккири бузург эҳтиром гузоштанд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Тоҷикистон баргузор кардани мизҳои мудаввари байналмилалӣ бахшида ба ҳаёту эҷодиёти Фироқӣ, гузоштани пайкараи Махдумқулӣ дар шаҳри Душанбе, номгузории яке аз кӯчаҳои зебои пойтахти кишвар ва мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ноҳияи Дӯстии вилояти Хатлонро нишони возеҳи дӯстӣ ва муносибатҳои созандаи мардумони бародари Тоҷикистону Туркманистон унвон намуданд.

Таъкид шуд, ки эҷодиёти шоир бо мероси бузурги адабии тоҷику форс пайванди ногусастанӣ дорад. Аз осори Фироқӣ бармеояд, ки ӯ аз мероси адабии мутафаккирони маъруфи сатҳи ҷаҳонии тоҷику форс, аз ҷумла Абулқосим Фирдавсӣ, Умари Хайём, Саъдӣ Шерозӣ, Ҷалолиддини Балхӣ ва Ҳофизи Шерозӣ, илҳом гирифтааст. Бисёр ходимони адабиёт ва тарҷумонҳои шинохтаи тоҷик даҳҳо маҷмӯаи осори ӯро ба забони тоҷикӣ тарҷума ва нашр кардаанд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи мазмуну мундариҷаи эҷодиёти Махдумқулӣ, ба монанди ғояҳои инсонпарварӣ, дӯстию бародарӣ ва рафоқат, изҳори андеша карда, мероси эҷодии ӯро пули муҳими густариши робитаҳои фарҳангӣ ва ба ҳам наздик кардани кишварҳову мардумон номиданд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки ҳамкории фарҳангӣ ҳамчун омили муассири робитаи миёни миллатҳо ва таҳкими ҳамдигарфаҳмии мардумон аз иқтидори бузург бархӯрдор аст.

Дар ин замина зарур шуморида шуд, ки кишварҳо бо муносибати эҳтиромона ва таҳаммулгароёна нисбат ба анъанаву арзишҳо ва мероси маънавию фарҳангии ҳамдигар намунаи ибрат бошанд. Гуфта шуд, ки дар ин замина, Тоҷикистон пайваста аз иқдомоти амалии муштарак барои тавсеаи ҳамкорӣ дар соҳаи башариро ҷонибдорӣ мекунад.

«Мо минбаъд низ барои рушди ҳамкории фарҳангиву гуманитарӣ бо ҳамаи шарикони худ, аз ҷумла бо Туркманистон, талошҳои зарурӣ ба харҷ хоҳем дод»,- изҳор доштанд Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Дар фароварди сухан Сарвари давлати мо аз сатҳи сифатан баланди маҷмӯи муносибатҳои миёни Тоҷикистону Туркманистон, ки хусусияти «шарикии амиқи стратегӣ»-ро касб кардаанд, ёдовар шуда, роҳбарияти олии кишвари дӯстро барои танзими бошукӯҳ ва сатҳи баланди баргузории ин ҳамоиш табрик гуфтанд.

Дар Ҳамоиши байналмилалӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо медали ҷашнии «300-солагии Махдумқулӣ Фироқӣ» сарфароз гардонида шуданд.

**www.prezident.tj**



# МУЛОҚОТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БО РОҲБАРОНИ ҲАЙАТҲОИ ПАРЛУМОНӢ

**10-уми октябри соли 2024 дар Қасри миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбарони ҳайатҳои парлумонӣ - иштирокдорони Конференсияи байналмилалии парлумонӣ бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ҳузур пазируфтанд.**

Нахуст, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбарони ҳайатҳои парлумониро ба Тоҷикистон хайрамақдам гуфтанд.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот оид ба қабули санади муҳиму тақдирсоз - Конститутсия ва нақши он дар рушди парламентаризми давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон суханронӣ намуданд.

Пешвои миллат қабули Конститутсияро яке аз қадамҳои аввалин ва устувори ҷомеаи мо дар роҳи ислоҳоти сиёсӣ ва таҳкими Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон номиданд.

Зикр гардид, ки дар солҳои аввали ба даст овардани истиқлолият кишвари мо бо мушкилоти азими сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ шуд.

«Дар чунин шароити мураккаб Иҷлосияи таърихии XVI Шурои Олӣ, ки роҳбарияти нави кишварро интихоб намуд, ба ваҳдати миллӣ асос гузошта, роҳро ба сӯи ҳаёти осоишта, барқарорсозии сохти конститутсионӣ ва қонуният дар кишвари мо боз намуд», - иброз намуданд Сарвари давлат.

Таъкид гардид, ки Конститутсияи нави аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабулшуда Тоҷикистонро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ба сифати давлати мустақил, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона муаррифӣ кард.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши Конститутсияи навро дар барпосозӣ ва рушди низоми комилан нави парламентаризми миллӣ муҳим арзёбӣ намуданд.

Гуфта шуд, ки Парлумони Тоҷикистон ба ҳамаи талаботи парламентаризми байналмилалӣ ҷавобгӯ буда, дар арсаи байналмилалӣ фаъолона баромад мекунад ва пайваста робитаҳоро бо парлумонҳои кишварҳои дигар мустаҳкам менамояд.

Ба иштирокдорони мулоқот муроҷиат карда Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳор доштанд, ки «кишварҳои шумо низ дар сафи шарикони наздик, боэътимод ва боварибахши мо қарор доранд».

Зимни суханронӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, оид ба ҷанбаҳои муҳими ҳамкории кишварҳо, аз қабили робитаҳои башарӣ, дар асоси умумияти фарҳангиву таърихӣ андешаронӣ намуданд. Таъкид карда шуд, ки мақомоти қонунгузори кишварҳои мо метавонанд барои инкишофи созандаи ин раванд мусоидати ҷиддӣ намоянд.

Сарвари давлат иброз доштанд, ки тавассути гурӯҳҳои дӯстии парлумонӣ имрӯз Тоҷикистон бо зиёда аз 80 парлумони кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалии парлумонӣ робита барқарор намуда, онҳоро рушд дода истодааст.

Аснои суханронӣ ба ҳамкории парлумонҳо дар доираи ниҳодҳои байналмилаливу минтақавӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.

Дар робита ба вазъи мураккаби ҷомеаи ҷаҳонӣ Президенти кишвар ҳамкории зичро барои ҳифзу таҳкими сулҳу субот ва таъмини некуаҳволии мардумони кишварҳои мо зарур шумориданд.

Дар фароварди сухан Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо итминон изҳор доштанд, ки чорабиниҳои имрӯза барои муайян кардани уфуқҳои нави шарикии васеи кишварҳо хидмат хоҳад намуд.

# ВАЛЕНТИНА МАТВИЕНКО ДАР ҲУЗУРИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

**10-уми октябри соли 2024 дар Қасри миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шурои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Валентина Матвиенкоро ба ҳузур пазируфтанд.**



Дар мулоқот масоили ҳамкории гуногунҷанбаи Тоҷикистону Россия ва нақши равобити байнипарлумонӣ баррасӣ шуд.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷумла, изҳор доштанд, ки мо ҳамкории парлумониро бахши муҳими саъю кӯшиши муштарак барои рушди тамоми доираи муносибатҳои байнидавлатиамон мешуморем.

Мавзуъҳои асосии суҳбат масоили дорои хусусияти башардӯстона, аз ҷумла рушди ҳамкорӣ дар бахшҳои маориф, илму техника, ҳамчунин, танзими муҳоҷирати корӣ буд.

Бо қаноатмандӣ таъкид гардид, ки рушди ҳамкорӣ миёни минтақаҳои ҳар ду кишвар омили муҳими густариши робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва афзоиши гардиши дуҷонибаи мол шудааст.

Изҳори итминон карда шуд, ки муколамаи кунунии роҳбарият ва аъзои ниҳодҳои парлумонии ҳар ду кишвар дар Душанбе барои пешбурд ва таҳкими руҳияи шарикии стратегӣ ва ҳампаймонӣ хидмат хоҳад кард.

**www.prezident.tj**

# МУЗОКИРАИ ҲАЙАТҲОИ ВАСЕЪ БО ИШТИРОКИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ ВА МУҲАММАД БОҚИРИ ҚОЛИБОФ

**10-уми октябри соли 2024 дар шаҳри Душанбе мулоқоти Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ва Раиси Маҷлиси Шурои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон Муҳаммад Боқири Қолибоф бо иштироки ҳайатҳои васеъ доир гардид.**



Нахуст, муҳтарам Рустами Эмомалӣ меҳмони арҷманд - Раиси Маҷлиси Шурои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон Муҳаммад Боқири Қолибоф ва ҳайати расмии кишвари ба мо дӯсту бародар Эронро ба Тоҷикистон хайрамақдам гуфтанд.

Ҷонибҳо аз рушди бомароми ҳамкориҳои бисёрҷониба миёни ҳар ду кишвар изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Таъкид гардид, ки талошҳои муштарак ва муколамаи дӯстонаи роҳбарияти олии ҳар ду кишвар ба таъмиқи муносибатҳои дуҷониба ва таҳкими равобити миёни мардумони ба ҳам бародар мусоидати муассир менамоянд. Дар ин зимн, ҷонибҳо густариши равобити байнипарламентиро ҳамчун унсури муҳими тақвияти минбаъдаи муколамаи созандаи сиёсии байнидавлатӣ арзёбӣ карданд.

Мавриди амал қарор гирифтани қарордоди дуҷониба оид ба лағви раводид миёни ҳар ду кишвари дӯст ба муҳлати як моҳ омили неки таъмиқи муносибатҳои байнидавлатӣ ва равобити дӯстии мардумони Тоҷикистону Эрон дониста шуд.

Дар рафти мулоқот масоили густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои тиҷоратию иқтисодӣ, сармоягузорӣ ва дигар бахшҳои барои ҳар ду ҷониб судовар баррасӣ гардид.

Афзоиши минбаъдаи сармоягузории ҷониби Эрон дар соҳаҳои саноати сабук, хӯроквори, кӯҳӣ, кимиё ва металлургия, гидроэнергетика, нақлиёту коммуникатсия, коркарди сарватҳои табиӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ ба манфиати кор ҳисобида шуд.

Дар ин самт ба имкониятҳои минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон барои таъсиси корхонаҳои муштараки истеҳсолӣ ва содироти минбаъдаи маҳсулот ба бозорҳои минтақа таваҷҷуҳ зоҳир гардид.

Зимни воҳӯрӣ ҷонибҳо оид ба рушди муносибатҳо дар соҳаҳои илму маориф, фарҳангу тандурустӣ, сайёҳӣ ва рушди инфрасохтори он табодули андеша намуданд.

Зимни баррасии масъалаҳои байналмилалӣ ҷонибҳо оид ба раванди ташвишовари бесубот гардидани вазъи ҷаҳон, вазъияти ноором дар Ховари Миёна ва Афғонистон, тақвияти ҳамкорӣ дар самти таъмини амният ва мубориза бо таҳдиду хатарҳои фаромиллӣ мубодилаи афкор намуда, аз ҳамкории пайвастаи Тоҷикистону Эрон дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ изҳори қаноатмандӣ карданд.

# МУЛОҚОТИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БО ВАЛЕНТИНА МАТВИЕНКО

**10-уми октябри соли 2024 дар шаҳри Душанбе мулоқоти хосаи Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо Раиси Шурои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Валентина Матвиенко, ки бо сафари корӣ ҷиҳати иштирок дар Конференсияи байналмилалии парламентӣ таҳти унвони «30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Форуми VIII парламентии «Тоҷикистон - Россия: неруи ҳамкории байниминтақавӣ» ба Тоҷикистон ташриф овард, баргузор гардид.**



Дар мулоқот вазъ ва дурнамои муносибатҳои дӯстонаи Тоҷикистону Россия дар соҳаҳои афзалиятнок ва мавриди таваҷҷуҳ баррасӣ шуд.

Муҳтарам Рустами Эмомалӣ изҳор доштанд, ки Россия ва Тоҷикистон шарикони воқеии стратегӣ буда, дар Тоҷикистон ба рушду таҳкими рӯзафзуни муносибатҳои байнидавлатӣ бо Федератсияи Россия аҳамияти зарурӣ дода мешавад. Ҷонибҳо аз раванди рушди муносибатҳои байнипарламентии ҳар ду кишвар изҳори қаноатмандӣ карда, ба нақши парламентҳо ҳамчун воситаи муҳиму боэътимоди рушди ҳамкориҳо баҳои баланд доданд.

Таъкид гардид, ки Форуми парламентии Тоҷикистон - Россия оид ба ҳамкориҳои минтақавӣ на танҳо барои палатаҳои болоии парламентҳо, балки барои намояндагони доираи васеи кории ҳар ду давлат майдони босамари муколамаи байнипарламентӣ ва баррасии масъалаҳои мубрами дуҷониба ба ҳисоб меравад.

Дар мулоқот доир ба тақвияти муносибатҳои гуногунҷанбаи байни минтақаҳои Тоҷикистону Россия, рушду тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва густариши равобити фарҳангию гуманитарӣ мулоҳизаҳои судманд баён гардид. Ҳамчунин, дар мулоқот оид ба масоили байналмилалӣ, аз ҷумла вазъи имрӯзаи минтақа ва ҷаҳон, табодули афкор сурат гирифт.

**10-уми октябри соли равон дар шаҳри Душанбе бо иштироки Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ва Раиси Шурои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Валентина Матвиенко ҷаласаи пленарии Форуми VIII парламентии «Тоҷикистон-Россия: неруи ҳамкориҳои байниминтақавӣ» доир гардид.**



# ФОРУМИ ПАРЛАМЕНТИИ ТОҶИКИСТОНУ РОССИЯ

Дар кори форуми парламентӣ доираи васеи ҳайатҳои парламентӣ, намояндагони мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатии ҳар ду кишвар иштирок намуданд.

Дар оғози ҷаласаи пленарӣ Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ва Раиси Шурои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Валентина Матвиенко бо суханони ифтитоҳӣ баромад карданд.

Сипас, кори Форуми VIII парламентии «Тоҷикистон-Россия: неруи ҳамкориҳои байниминтақавӣ» таҳти раёсати муовини якуми Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҷаббой Аҳмадзода ва муовини Раиси Шурои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Николай Журавлев дар доираи мизҳои мудаввар идома ёфт.

Иштирокчиён дар чаҳорчӯби мубоҳисаҳои мизҳои мудаввар масоили рӯзафзун ва ҳалталаби дуҷонибаро вобаста ба амнияти минтақавӣ, илм, маориф ва ҷанбаҳои гуманитарӣ, ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва сармоягузории Тоҷикистону Россия муҳокима намуданд.

Зикр гардид, ки рушди муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар асоси ҳампаймонӣ ва шарикии стратегӣ дар ҳама самтҳои асосии ҳамкорӣ, аз ҷумла сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодӣ, фарҳангию гуманитарӣ, ҳарбӣ ва ҳарбию техникӣ, тамоюли устувор пайдо намудааст.

Таъкид шуд, ки дар густариши пайвастаи муносибатҳои дуҷониба саҳму талошҳои муштарак ва муколамаи мунтазами сарони ҳар ду давлат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи Россия муҳтарам Владимир Путин басо назаррас аст.

Ҷонибҳо бар онанд, ки нақши робитаҳои парламентии Тоҷикистону Россия ҳамчун шохаи калидии маҷмӯи муносибатҳои кишварҳои бо ҳам дӯст муҳим ва бо назардошти тамоюлҳои кунунии ҷаҳонӣ зарурати густариши муколамаи байнипарламентӣ, тақвияти талошҳои муштарак барои таҳкими фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ ва байниминтақавии байнипарламентӣ меафзояд. Дар ин замина, фаъолияти абзори муассири ҳамкории дуҷониба - Комиссияи муштарак оид ба ҳамкорӣ байни Маҷлиси миллӣ ва Шурои Федератсия бомуваффақият арзёбӣ гардид.

Бо мақсади рушди минбаъда ва таҳкими ҳамкории шарикӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, инчунин, ҷиҳати татбиқи амалии мувофиқаҳои бадастомада иштирокдорони Форуми парламентии Тоҷикистон ва Россия тавсияҳоро оид ба густариши ҳамкории байниминтақавии муштарак оид ба таъмини амният, масоили афзалиятноки мубориза бо ҷинояткории байналмилалӣ, таъмиқи ҳамкории амалӣ дар соҳаи илму маориф, тавсеаи ҳамкориҳои судманд дар бахшҳои саноат, инфрасохтори нақлиёт ва логистика, аграрӣ, рушди ҳамкорӣ дар бозори молиявӣ таҳия намуданд.

Дар фарҷом бо назардошти тавсияҳои мизҳои мудаввар ва табодули андешаи иштирокдорон ҳуҷҷати ниҳоии Форуми VIII парламентии «Тоҷикистон - Россия: неруи ҳамкориҳои байниминтақавӣ» қабул шуд.

**www.majmilli.tj**

**11-уми октябри соли 2024 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ якҷо бо сарони парламентҳо ва роҳбарони ҳайатҳои парламентии кишварҳои дӯст, ки ҷиҳати иштирок дар Конференсияи байналмилалии парламентӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишвари мо ташриф оварданд, ба хотири эҳтиром ва арҷгузорӣ ба гузаштаи халқи тоҷик дар пояи муҷассамаи Исмоили Сомонӣ гулчанбар гузоштанд.**



# МАРОСИМИ ГУЛЧАНБАРГУЗОРӢ ДАР ПОЯИ МУҶАССАМАИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ

Сипас, дар бинои Парламенти Тоҷикистон маросими истиқболи ҳайатҳои парламентии иштирокчии Конференсияи байналмилалии парламентӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ баргузор гардид.

Баъд аз маросими истиқбол Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҳамроҳи ҳамтоёни худ аз толорҳои бинои нави Парламенти Тоҷикистон боздид ба амал оварданд.

Зимни боздид таъкид гардид, ки баландии бинои асосии Парламент 49,7 метр буда, бо гунбазаш 70 метрро ташкил медиҳад. Масоҳати умумии бино 43 ҳазору 750 метри мураббаъро ташкил дода, дар он толори маҷлисҳои якҷоя бо 1500 ҷойи нишаст, маҷлисгоҳҳои палатаҳои болоӣ ва поёнӣ - ҳар кадоме бо 250 ҷойи нишаст, толори қабули меҳмонони олиқадр, маркази технология ва коммуникатсияҳои иттилоотӣ, маркази тиббӣ, китобхона, толор барои конференсияҳои матбуотӣ бо 350 ҷойи нишаст ва дигар ҳуҷраҳои корӣ ва ёрирасон ҷойгир шудааст.

Дар рафти сохтмони бинои Парламенти Тоҷикистон намои он бо истифодаи унсурҳои миллӣ ва санъати баланди меъмории муосир таҳия шуда, бо услуби хос бунёд гардидааст.

Ҳуҷраҳо, толорҳои маҷлисгузаронӣ ва пештолорҳо бо нақшунигори миллӣ, гаҷкорӣ, кандакорӣ, шишабандӣ ва бо сангҳои табиӣ ороиш дода шудааст.

# МУЛОҚОТИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БО МАУЛЕН АШИМБАЕВ

**11-уми октябри соли 2024 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо Раиси Сенати Парламенти Ҷумҳурии Қазоқистон Маулен Ашимбаев, ки ҷиҳати иштирок дар Конференсияи байналмилалии парламентӣ бахшида ба 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишвари мо ташриф овард, мулоқот намуданд.**



Дар мулоқот вазъи имрӯза ва дурнамои муносибатҳои дӯстонаи Тоҷикистону Қазоқистон дар самтҳои афзалиятнок ва ҳамзамон, робитаҳои байнипарламентӣ баррасӣ шуданд.

Зикр гардид, ки муносибатҳои дуҷониба бо Ҷумҳурии Қазоқистон аз афзалиятҳои калидии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар заминаи робитаҳои қавии дӯстии мардумон ва муколамаи мунтазами сарони давлатҳо тавсеа меёбад.

Ҷонибҳо аз рушди бемайлони ҳамкории байнипарламентии палатаҳои болоии парламентҳои Тоҷикистону Қазоқистон изҳори қаноатмандӣ намуданд.

Баррасии масоили ҳамкорӣ дар бахшҳои тиҷорату иқтисод ва рушди робитаҳои фарҳангию гуманитарӣ аз мавзуъҳои муҳими мулоқот маҳсуб ёфта, ҷонибҳо, ҳамчунин, роҷеъ ба вазъи имрӯзаи суботи минтақа ва ҷаҳон табодули андеша карданд.

www.majmilli.tj



# ВОХӮРИИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БО МУҲАММАД БОҚИРИ ҚОЛИБОФ

**10-уми октябри соли 2024 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо Раиси Маҷлиси Шурои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон Муҳаммад Боқири Қолибоф мулоқот намуд.**

Дар мулоқот таъкид шуд, ки густариши муносибатҳои дӯстона ва ҳамкории мутақобилан судманд бо Ҷумҳурии Исломии Эрон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

- Боздидҳои расмии роҳбарияти олии Тоҷикистону Эрон аз кишварҳои ҳамдигар, гуфтушунидҳои дӯстона, инчунин, санадҳое, ки дар рафти ин боздидҳо ба имзо расидаанд, барои рушди минбаъдаи муносибатҳо заминаи устувор гузоштанд ва роҳу усулҳои татбиқи қарордодҳои имзошударо муайян намуданд. Ин раванди хушоянд то имрӯз идома мепазирад,- зикр кард М. Зокирзода. - Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамкории пурмаҳсулу судманд бо Ҷумҳурии Исломии Эрон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, тавассути гурӯҳҳои дӯстии парлумонӣ масъалаҳои марбут ба қонунгузорӣ, густариши робитаҳои иқтисодӣ ва дигар масъалаҳои барои ҳар ду халқу давлат муҳимро мавриди ҳаллу фасл қарор медиҳад. Бо ин ҳадаф гурӯҳи дӯстӣ байни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Шурои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон ташкил карда шудааст. Мо аминем, ки гурӯҳҳои дӯстии байнипарлумонии Тоҷикистон ва Эрон дар фаъолияти босамари худ ин рисолатро ба ваҷҳи писандида анҷом хоҳанд дод.



# МУЛОҚОТИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БО ВАЛЕНТИНА МАТВИЕНКО

**10-уми октябри соли 2024 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо Раиси Шурои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Валентина Матвиенко мулоқот намуд.**

Зимни мулоқот таъкид гардид, ки сафари Валентина Матвиенко ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, бешубҳа, боз як далели рушди босуръати маҷмӯи муносибатҳои шарикии стратегии Тоҷикистон ва Россия мебошад.

- Мо ин сафарро ҳамчун тасдиқи таваҷҷуҳи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия ба таҳкими ҳамаҷонибаи робитаҳои байнипарлумонӣ ва густариши ҳамкорӣ бо Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ менамоем,- зикр намуд Маҳмадтоир Зокирзода. - Мо бо Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия робитаи байнипарлумонӣ дорем. Барои рушди ҳамкории байнипарлумонӣ заминаи муносиби ҳуқуқӣ - Созишнома байни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия дар бораи ҳамкории байнипарлумонӣ аз 14 декабри соли 2005, инчунин, Дастури Комиссияи байнипалатавии парлумонӣ оид ба ҳамкорӣ байни Думаи давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 феврали соли 2003 мавҷуд аст. Мулоқотҳои дуҷониба тақрибан ҳар сол, ҳам дар ҷараёни сафарҳои расмӣ ва кории ҷонибҳо ва ҳам дар ҳошияи ҷаласаҳою чорабиниҳои дигар дар доираи Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои узви ИДМ, Ассамблеяи парлумонии СААД баргузор мешуданд.

Раиси Шурои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия таъкид намуд, ки «мо ҳамеша хостори муносиботи неку равобити ҳасана бо шарики стратегии кишвари худ – Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳастем ва талош менамоем, ки ин равобит бештар тақвият ёбад».

# СУҲБАТИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БО СЕРГЕЙ ХОМЕНКО

**11-уми октябри соли 2024 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо муовини Раиси Шурои Маҷлиси миллии Ҷумҳурии Беларус Сергей Хоменко мулоқот намуд.**

Дар мулоқот таъкид гардид, ки яке аз самтҳои муҳими равобити дуҷониба таҳкими робитаҳои байнипарлумонии Тоҷикистон ва Беларус мебошад.



